# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Каримов Бахтиёр Музафарович «Динамикаи нишондиҳандаҳои клиникӣ-эпидемиологии бемориҳои стоматологӣ дар беморони гирифтори патологияҳои умумисоматикӣ» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 - Эпидемиология**

Таҳқиқоти диссертатсияи Каримов Б.М. ба проблемаи актуалии стоматология– омӯзиши клиникӣ-эпидемиологии сохторҳои асосии бемориҳои стоматологӣ ва ҳолати гигиениии ковокии даҳон дар динамика дар заминаи бемориҳои музмини узвҳо ва системаҳои дарунӣ бахшида шудааст. Гипотеза дар бораи иртиботи мутақобилаи бемориҳои стоматологӣ ва ҳолати узвҳо ва системаҳои дарунӣ пешниҳод гардидааст. Дар пайдошавӣ ва пешравии бемориҳои ковокии даҳон нақши омилҳои алоҳидаи хатар хеле муҳим аст.

Омилҳои нохуби умумисистемавӣ ба ҳолати омилҳои мвзеии муҳофизатии ковокии даҳон таъсири бавосита расонида, инвазияи бактериалӣ ва таъсири осебрасони бофтаҳои сахти дандонҳо ва пародонтро зиёд мекунад. Чунин ихтилолҳои системавӣ тағйиротҳои иммунӣ, ихтилолҳои генетикӣ, дисбаланси эндокринӣ, вуҷуд доштани бемориҳои соматикӣ ва сироятӣ мебошанд, ки дар ниҳояти кор таъсири патогении омилҳои мавзеии ковокии даҳонро ба ҳолати статуси стоматологӣ шиддат мебахшанд.

Дар байни пайдошавии лонаҳои музмини сироятҳои одонтогенӣ ва бемориҳои узвҳои дарунӣ ягонагии амиқи патогенетикӣ дида мешавад, ки бо ҳарду муносибатҳои сабабӣ-натиҷавӣ, ба воситаи дисбаланси иммунологӣ, вайроншавии танзими интерлейкинӣ ва номукаммал будани резистентнокии номахсуси организм ба амал меоянд.

Тағйиротҳои ошкорнамудаи танзимкунанда бояд ҳамчун нуқтаҳои потенсиалии ба кор бурдани таъсири чорабиниҳои иловагии системавии табобатӣ-профилактикӣ дар табобати комплексии беморони дорои

протсессҳои муштараки сироятӣ-илтиҳобии ковокии даҳон ва бемориҳои узвҳои дарунӣ баррасӣ карда шаванд.

Таҳқиқоти эпидемиологӣ ва клиникӣ-гигиении гузаронидаи унвонҷӯй Каримов Б.М. имконият медиҳад, ки на танҳо сохтор ва динамикаи ҳолати бемориҳои асосии стоматологӣ ва ҳамроҳшудаи соматикӣ дар байни гурӯҳи беморони таҳқиқшуда омӯхта шаванд, балки муҳимтар аз он, масъалаҳои такмили усулҳои ислоҳ кардани ихтилолҳои ошкоршуда омӯхта ва барномаи минтақавӣ-нишонавии профилактика сохта шавад, ки мубрамияти махсус пайдо мекунанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулоса баровард, ки муаллифи диссертатсия, ки шакл ва сохтори классикӣ дорад, дар пеши худ вазифа гузоштааст, ки пас аз асоснок кардани мубрамияти проблема, дар муқаддима мақсади таҳқиқотро баён кардааст, ки ба даст овардани он аз тариқи ҳаллу фасл кардани 5 вазифаи адекватиӣ имконпазир аст. Вазифаи асосӣ беҳтар кардани тактикаи расонидани ёрии махсуси стоматологӣ ба беморони дорои бемориҳои ҳамроҳшудаи узвҳо ва системаҳои дарунӣ бо дар назардошти натиҷаҳои арзёбии хусусиятҳои клиникӣ-эпидемиологӣ ва гигиенӣ ва омӯзиши натиҷаҳои дур пас аз баргузории чорабиниҳои профилактикӣ-табобатӣ дар беморони гирифтори бемориҳои стоматологӣ ва бемориҳои ҳамроҳшуди узвҳои дарунӣ мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба иртиботти мутақобилаи динамикаи бемориҳои стоматологӣ бо вазнинии бемориҳои соматикӣ маълумотҳои нав ба даст оварда шуд. Бори нахуст омилҳои бартаридоштаи эпидемиологӣ дар пайдо шудани бемориҳои дандонҳо ва бофтаҳои пародонт дар беморони гирифтори бемориҳои музмини узвҳо ва системаҳо муайян карда шуданд.

Хусусиятҳои тағйирот дар динамикаи иртиботи байни ин таҳқиқотҳои клиникӣ-эпидемиологӣ, гигиенӣ ва рентгенологӣ дар беморони дорои бемориҳои асосии стоматологӣ ва бемориҳои ҳамроҳшудаи соматикӣ муайян карда шуд. Муносибатҳои нави ташкилии масъалаҳои такмил додани

ёрии стоматологӣ коркард шуд, вай имконият медиҳад, ки дар ниҳояти кор ҳаҷмро васеъ ва сифати расонидани ёрии стоматологиро дар беморхонаҳои бисёрсоҳа беҳтар созем.

**Аҳамияти назариявӣ, илмӣ- амалии таҳқиқот.** Тағйиротҳои стоматологии клиникӣ-эпидемиологӣ ва беҳдоштии муқарраркардашуда дар динамика ҳангоми бемориҳои системавӣ ба зарурати ислоҳи ихтилолҳо вобаста аз ҷараёни бемориҳои узвҳои ковокии даҳон нигаронида мешаванд.

Омилҳои бартаридоштаи клиникӣ-эпидемиологӣ ва беҳдоштӣ ҳангоми бемориҳои узвҳои ковокии даҳон самти таъсиррасонии табобатӣ-профилактикиро ба протсесси патологии бофтаҳои дандонҳо ва пародонт ҳангоми ихтилолҳои системавӣ муайян мекунанд.

Таҳқиқотҳои пешниҳоднамудаи клиникӣ-эпидемиологӣ ва беҳдоштии узвҳои ковокии даҳон имконият медиҳанд, ки ба таври инфиродӣ барномаҳои равонашудаи табобатӣ-профилактикӣ дар шароити муассисаи стоматологии беморхонаи бисёрсоҳа ислоҳ карда шавад. Дар амал татбиқ намудани алгоритми пешниҳоднамудаи табобатӣ-профилактикӣ ҳангоми ихтилолҳои системавӣ дар организм имконият медиҳад, ки табобати бемориҳои асосии стоматологӣ самаранок гузаронида шавад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия дар раванди таълими кафедраҳои эпидемиология ва стоматологияи муолиҷавии МДТ Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, татбиқ гардиданд. Усулҳои пешниҳодшудаи клиникӣ-эпидемиологӣ ва технологӣ дар фаъолияти табобатии Маркази таълимӣ-клиникии «Стоматология»-и Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва Поликлиникаи марказии шаҳрии №10 мавриди истифода қарор доранд.

**Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии нуқтаҳои асосии илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ.** Эътимоднокии таҳқиқотро муътабарии интихоб,

доманадор будани маводи аввалия, таҳлили муфассали сифатӣ ва миқдории он, системанок будани протседураҳои таҳқиқот, истифодаи усулҳои муосири коркарди омории иттилоот таъмин кардаанд. Ҳаҷми муътабари мавод, сатҳи методии таҳқиқот барои ҳаллу фасл кардани вазифаҳои дар пеш гузошташуда кофӣ буда, эътимоднокии натиҷаҳои ҳосилшударо таъмин мекунанд.

Таҳлили эпидемиологии ҳолати узвҳо ва бофтаҳои ковокии даҳон дар бемороне, ки дар шуъбаи терапевтии Маркзи миллии тиббӣ ва Маркази кардиологияи ВТ ва ҲИА ҶТ дар давраи солҳои 2017-2019 табобат гирифтаанд, сурат гирифт. Таҳқиқоти клиникӣ, эпидемиологӣ ва беҳдоштии узвҳо ва бофтаҳои ковокии даҳон дар байни 947 бемор гузаронида шуд, ки синну соли онҳо аз 20 то 60-сола ва калон буд.

Гурӯҳи назоратии беморони муоинашавандаро 248 бемор ташкил дод, ки бемории ҳамроҳшуда надоштанд ва барои ёрӣ ба Маркази таълимӣ-илмӣ-клиникии «Стоматология»-и ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино муроҷиат намудаанд. Ҳангоми иҷрои корҳои илмӣ миқдори умумии шахсони таҳқиқшудаи гурӯҳҳои асосӣ ва назоратӣ 1195 нафар буданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи барномаҳои стандартӣ коркарди оморӣ шудаанд. Ҳангоми баёни нуқтаҳои асосӣ муаллиф муносибати объективӣ зоҳир намудааст, натиҷаҳои таҳқиқот боэътимод, хулоса ва тавсияҳои амалӣ асосноканд. Натиҷаҳои ба даст овардашуда дар 40 таълифоти илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз ҷумлаи онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст. Аз рӯйи маводи диссертатсия 2 пешниҳоди ратсионализаторӣ таҳия гардидааст.

**Баҳогузорӣ ба сохтор ва муҳтавои диссертатсия. Натиҷаҳои ба даст овардашудаи диссертатсия.** Диссертатсияи Каримов Б.М. тибқи нақшаи монографӣ таълиф шуда, аз муқаддима, шарҳи адабиёти илмӣ, мавод ва

методҳои таҳқиқот, 2 боби натиҷаҳои таҳқиқоти муаллифи рисола, хулоса, тавсияҳои амалӣ, феҳристи адабиёти истифодашуда, хулоса ва тавсияҳои амалӣ иборат аст. Диссертатсия дар 132 саҳифаи матни компютерӣ таълиф шуда, дар он 16 ҷадвал ва 19 расм мавҷуд аст Дар феҳристи адабиёт 172 сарчашма, аз онҳо 92 номгӯй сарчашмаи муаллифони ватанӣ ва ИДМ ва 80 сарчашмаи муаллифони хориҷаи дур оварда шудааст.

Таҳқиқот дар сатҳи муосири методӣ иҷро карда шудааст, нуқтаҳои асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия ба маводи фаровони далелнок такя мекунанд.

**Дар муқаддима** зарурати омӯзиши омилҳои бартаридоштаи клиникӣ-эпидемиологӣ ва гигиенӣ ҳангоми вазниниҳои гуногуни бемориҳои стоматологӣ дар беморони дорои бемориҳои умумии соматикӣ асонок карда шудааст, ки интихоби таъсиррасонии муносиби табобатӣ-профилактикиро майян мекунанд ва дар асоси он мақсади таҳқиқот ва вазифаҳои мушаххас тартиб дода шудаанд.

**Боби «Шарҳи адабиёт» аз** 24 саҳифаи матни компютерӣ иборат аст. Дар он аҳамияти ихтилолҳои системавӣ дар бемориҳои узвҳои ковокии даҳон, натиҷаҳои арзёбии таҳлилии ҳолати бофтаҳои пародонт дар профилактиаи бемориҳои стоматологӣ, ҳамчунин нақш ва аҳамияти беҳдошти ковокии даҳон дар профилактикаи бемориҳои стоматологӣ баррасӣ шудааст. Боби мазкур осонфаҳм ва сабук аст, дар он таҳлили асоснок диққатҷалбкунанда мебошад.

**“Мавод ва усулҳои таҳқиқот”** муфассал аст. Дар ин боб диққати махсусро методикаи муайян кардани шохиси фаъолнокии остеопорози устухонҳои алвеолярӣ дар беморони гирифтори бемориҳои умумисоматикӣ ҷалб мекунад, ки дар асоси он градатсияи миқдории возеҳии тағйироти остеопороз дар беморони дорои бемориҳои пародонталӣ ва ҳамроҳшуда гузаронида мешавад, вай бо ёрии баллҳо арзёбии вазнинии остеопорозро дар устухонҳои алвеолярӣ фаро мегирад.

**Дар боби сеюми** диссертатсия маводи худии таҳқиқоти диссертатсия ба омӯзиши динамикаи инкишофи шиддатнокии кариеси дандонҳо вобаста аз ҳолати патологии узвҳо ва системаҳои дарунӣ ва омӯзиши динамикаи паҳншавӣ ва шиддатнокии бемориҳои пародонт дар беморони дорои бемориҳои умумисоматикӣ ҷудо мешаванд.

Дар ҷараёни таҳқиқоти гузаронидашуда муайян карда шуд, ки нишондиҳандаҳои ибтидоии шиддатнокии кариеси дандонҳо ва унсурҳои сохтории онҳо назар ба ҳамин беморон дар муҳлати дур пасттар аст. Дар асоси таҳлили сохтории шиддатнокии кариеси дандонҳо ба ҳисобгирии зарурати беморони дорои бемориҳои ҳамроҳшудаи патологияҳои соматикии таҳқиқшаванда ба ёрии терапевтии стоматологӣ пешбинӣ карда шуд.

Таҳлили эпидемиологии сохтори шиддатнокии кариеси дандонҳо дар динамика аз камбудиҳои назарраси ташкили хадамоти стоматологӣ дар беморхонаҳои бисёрсоҳа гувоҳӣ медиҳад, дар натиҷаи он дар саломатии узвҳо ва бофтаҳои ковокии даҳони беморони гирифтори бемориҳои ҳамроҳшуда нохубиҳои ҷиддӣ ба назар мерасад. Дар маҷмӯъ ҳангоми таҳқиқи статуси стоматологӣ дар ҷанбаи динамикӣ дар ҳама гурӯҳҳои синнусолии беморони дорои бемориҳои соматикӣ афзоиши баланди унсурҳои ҷудогонаи шиддатнокии кариес ба мушоҳида мерасад, ки аз рӯйи он дар бораи сатҳи ёрии кариесологии қаблан расонидашуда хулоса баровардан мумкин аст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти пародонтологии беморони дорои бемориҳои ҳамроҳшудаи соматикӣ имконият медиҳанд, ки дар онҳо паҳншавии максималии шаклҳои гуногуни пародонтити музмин ташхис карда шавад.

Паҳншавии пародонтити музмин дар беморони дорои бемориҳои узвҳо ва системаҳои дарунӣ вобастагии мустақими бемориҳои дандон бо омилҳои синнусолиро муайян кард.

Натиҷаи таҳқиқоти эпидемиологии статуси пародонтологӣ дар беморони дорои бемориҳои умумисоматикӣ аз паҳншавии баланд ва

афзоиши максималии бемориҳои пародонт дар беморони дорои бемориҳои умумисоматикӣ дарак медиҳад, ки ин барои коркарди шаклҳои тафриқавии хизматрасониҳои стоматологӣ дар байни онҳо сабаб гаштааст.

**Дар боби чоруми** диссертатсия арзёбии клиникии динамикаи бемориҳои стоматологӣ ва гигиенаи ковокии даҳон дар беморони гирифтори бемориҳои ҳамроҳшудаи соматикӣ инъикос ёфтааст.

Таҳлили муқоисавии клиникии статуси кариесологии беморони таҳқиқшудаи дорои бемориҳои музмини умумисоматикӣ, муайян кард, ки тағйироти назаррас дар нишондиҳандаҳои шиддатнокии кариеси дандонҳо ба назар мерасад.

Дар беморони дорои бемориҳои музмини узвҳо ва системаҳои дарунӣ ҳангоми пародонтити вазниниаш миёна зуҳуроти гуногуни клиникӣ ва тағйирёбандагии аломатҳои рентгенологии таҳлилшаванда дида шуд. Дар акси рентгенӣ бештар аломатҳои возеҳи протсесси резорбтивӣ дар заминаи гигиенаи қаноатбахши ковокии даҳон бартарӣ дошт. Дар беморони дорои пародонтити музмини дараҷаи вазнин дар заминаи бемориҳои умумисоматикӣ протсесси фаъоли илтиҳобӣ дар пародонт бо хунравии возеҳи милкҳо ва шиддатҳои возеҳ дар заминаи гигиенаи «ғайри қаноатбахш» ва «паст»-и ковокии даҳон ба мушоҳида расид

Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти беморони дорои бемориҳои умумисоматикӣ имконият медиҳанд, қайд кунем, ки ҳолати бофтаҳои пародонт дар ҳамаи муҳлатҳои таҳқиқот дар доираи меъёри баҳои «беҳтарсозӣ» қарор доштанд. Маълум аст, ки таҳти таъсири чорабиниҳои комплексии гигиенӣ-табобатӣ на танҳо бартараф кардани зуҳуроти рукудкарда дар маҷрои микросиркулятории бофтаҳои пародонт ба даст оварда мешавад, балки муътадилсозии метаболизми ҳуҷайравӣ бо элиминатсияи радикалҳои озоди агрессивӣ, ки ғайр аз таъсири мустақими бактеритсидӣ, инчунин барои инкишофи микрофлораи ковокии даҳон шароити нохубро низ ташкил дода, стимулятсияи омилҳои махсус ва номахсуси муҳофизатро ба амал меоранд, ба уҳда дорад.

Маълумотҳои ба даст овардашуда бо миқдори зиёди диаграмма ва расмҳо ифода шуда, муҳтавои таҳқиқотро боварибахш инъикос мекунанд. Эътимоднокии натиҷаҳои омӯзиши динамикаи ёрии кариесологӣ дар заминаи татбиқи маҷмӯи чорабиниҳои табобатӣ-профилактикӣ дар беморони гирифтори бемориҳои умумисоматикӣ бо маҷмӯи таҳқиқоти репрезентативӣ, ҳамчунин истифодаи усулҳои муосири оморӣ тасдиқ мешавад.

**Дар ҷамъбаст** муаллиф маълумотҳои овардашударо ҷамъбаст намуда, асоснокии хулоса ва ҷамъбасти таҳқиқотро нишон медиҳад.

**Хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ** пурра бо маводи репрезентативии таҳқиқоти клиникӣ-эпидемиологӣ ва гигиенӣ асоснок карда шуда, мантиқан аз натиҷаҳои ҳосилшуда бармеоянд. Муносибати муосири методолгӣ ба онҳо асоснокӣ ва эътимоднокии онҳоро тасдиқ мекунад.

Натиҷаҳои пажӯҳиш бо ёрии усулҳои муносиби омори математикӣ коркард шудаанд. Автореферат моҳият ва муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос мекунад. Диссертатсия бо забони хуби услуби илмӣ таълиф шуда, далелҳои қотеъ дорад.

Оид ба таҳқиқоти анҷом додашуда эродҳои ҷиддӣ нест.

Ҳангоми таҳлили маводи диссертатсия ба муаллиф якчанд савол пайдо шуд:

1. Шумо бо кадом усул динамикаи нишондиҳандаҳои клиникӣ-эпидемиологии бемориҳои стоматологӣ дар беморони гирифтори патологияҳои умумисоматикро омӯхтед?

2. Оё шиддати ихтилоли байнисистемави ба ҳолати узвҳо ва бофтаҳои ковокии даҳон таъсир мерасонад?

**Хулоса:**

Ҳамин тавр, диссертатсияи Каримов Б.М. дар мавзӯи: «Динамикаи нишондиҳандаҳои клиникӣ-эпидемиологии бемориҳои стоматологӣ дар беморони гирифтори патологияҳои умумисоматикӣ», таҳқиқоти мустақилона ва ба анҷомрасида буда, дорои самтҳои нави ҳаллу фасл

кардани вазифаҳои актуалӣ (мубрам) - омӯзиши динамикаи нишондиҳандаҳои клиникӣ-эпидемиологии бемориҳои стоматологӣ дар беморони гирифтори патологияҳои умумисоматикӣ мебошад.

Таҳқиқоти Каримов Б.М. аз лиҳози мубрамӣ, навгонии илмӣ, ҳаҷм ва сатҳи таҳқиқоти гузаронидашуда, аҳамияти назариявию амалии натиҷаҳои ба даст овардашуда ва равишҳои методологӣ ба талаботи бандҳои 3, қ. 31, 34 «Тартиби додани унвони илмӣ» ба диссертатсияҳои номзадӣ равонашуда, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазорои соҳиб шудан ба унвони номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Эпидемиология мебошад.

**Мудири кафедраи эпидемиология ва бемориҳои сироятии факултети тиббии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ), доктори илмҳои тиб** **Одинаев Н.С.**

Имзои / Подпись Одинаев Н.С.-ро ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ Тавқиев Э. Ш.

**Маълумот барои тамос:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ),
сӯроға: 734025, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Тел.: (+992) 918-62-31-29
e-mail: vaska5@list.ru

30.08. с.2022 .